Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Банӣ одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

13 июни соли 2026
Шанбе
№ 47 (15266)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

**Ба пешвози 35-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон**




## (ДАР БОРАИ БУНЁДКОРИҲОЕ, КИ ДАР МАВЗЕИ «ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ»-И НОҲИЯИ ҒИЖДУВОН АМАЛӢ МЕГАРДАНД)

***Мувофиқи Фармони Президенти мамлакат «Дар бораи чораҳои бунёд кардани мавзеъҳои «Ўзбекистони Нав» ва таъмин кардани рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо» аз 9 декабри соли 2021 дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Барака»-и ноҳияи Ғиждувон ҷараёнҳои сохтмону бунёдкориҳо бо мақсади беҳтар намудани шароити зисти аҳолӣ дар ҳудудҳо мувофиқи талабҳои шаҳрсозии муосир вусъат додани сохтмони манзилҳои зебои бисёрошёна, инфрасохтори соҳаи иҷтимоӣ, инчунин шабакаҳои муҳандисию коммуникатсионӣ, оқилона истифода бурдании захираҳои замин ва рушди ҷараёнҳои урбанизатсияи нуқтаҳои аҳолинишин оғоз ёфтанд. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки дар Ўзбекистони Нав қадри инсон, манфиатҳои халқ ва рушди ҳудудҳо ба самти устувори сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Дар натиҷаи ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар мамлакатамон амалӣ мегарданд, намуди шаҳру деҳотамон тағйир ёфта, барои аҳолӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.***




Ин дигаргуниҳоро дар мисоли маҳаллаи «Барака»-и ноҳияи Ғиждувони вилояти Бухоро дидан мумкин аст. Ба ибораи дигар, маҳаллаи «Барака» рамзи бунёдкориҳои Ўзбекистони Нав мебошад. Мавзеъҳои «Ўзбекистони Нав», ки бо ташаббуси Президенти мамлакат бунёд мегарданд, нафақат дорои хонаю ҷойҳои замонавӣ, балки чун намунаи беҳтарини ташаккулёбии муҳити ҳаёти мусоиду фаровон эътироф мегардад. Яке аз ҳамин лоиҳаҳои бузург мавзеи «Ўзбекистон Нав» мебошад, ки дар маҳаллаи «Барака»-и ноҳияи Ғиждувон қад боло кардааст. Дар ин ҷо дар муддати хеле кўтоҳ орзую умедҳои садҳо оилаҳо рўйи об баромад. Манзилҳои бисёрошёнаи ҷавобгўйи талабҳои меъмории замон бунёд гардидааст. Кўчаҳои ободу васеъ, шабакаҳои муҳандисию коммуникатсия, инчунин объектҳои соҳаи иҷтимоӣ барои аҳолӣ шароити мусоид фароҳам овардааст. То ҳол дар мавзеъ 24 манзили бисёрошёна бунёд гардида, дар онҳо садҳо оила хушбахтона истиқомат мекунанд. Муассисаи таълими томактабии давлатии замонавии дорои 180 ҷой, мактаби таҳсилоти умумӣ барои 330 нафар талаба, инчунин поликлиникаи оилавӣ ба аҳолӣ хидмати тиббӣ мерасонад. Хусусан, мактаби таҳсилоти умумии миёнаи рақами 53-юми замонавӣ намунаи беҳтарини таълимгоҳ дар мавзеи «Ўзбекистони Нав» аст.

Муассисаи таълими томактабии давлатии рақами 57 дар маҳалла ба маскани дўстдоштаи бачагон табдил ёфтааст. Дар ин ҷо барои кўдакон муҳити таълиму тарбияи муносиби замон амал карда, наврасон баробари омўхтани забони англисӣ бо гимнастика ва машғулиятҳои гуногуни рушдёбӣ шуғл меварзанд.

Бо мақсади ҳифзи саломатии сокинони ҳудуд поликлиникаи оилавӣ хидмати сифатноки тиббӣ мерасонад.

Вай бо таҷҳизоти зарурӣ, асбобу анҷомҳои муосири тиббӣ муҷаҳҳаз гардонда шуда, баҳри мустаҳкам намудани саломатии аҳолӣ ва пешгирии мазириҳо накши муҳим мебозад. Корҳое, ки дар маҳалла ба амал омаданд, фақат ба соҳаи иҷтимоӣ дахлдор набуда, дар ин ҷо инфрасохтори барқ, гази табиӣ, оби ошомиданӣ, низоми роҳҳои равони замонавӣ, шабакаҳои равшандиҳии берунӣ, инчунин интернети баландсуръат пурра ташаккул ёфт. Ҳамин тариқ, дар ҳудуди мавзеъ созмон ёфтани «Боғи вазири экологӣ» баҳри боз ҳам ба маскани обод ва зебо табдил ёфтани маҳаллаи «Барака» хидмат мекунад. Ин ҳудуди сабз, ки садҳо ниҳолҳои сарсабзро дар бар гирифтааст, бобати беҳтарсозии муҳити экологӣ, истироҳати одамон ва баамалтатбиқёбии ғояҳои «Макони сабз» аҳамияти муҳим дорад.

Раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳалла Бобур Вафоев солҳои зиёд дар мактаби миёнаи рақами 54-уми ҳудуд чун омўзгори фанни биология ва ҷонишини директор оид ба корҳои тарбия, маънавият ва маърифат фаъолият нишон додааст. Ўро соли 2022 ба вазифаи раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳалла интихоб карда буданд.

– Бунёди мавзеи «Ўзбекистони Нав» дар маҳаллаи мо соли 2022 оғоз ёфта, аввали соли 2024 ба истифода супорида шудааст. Замоне мардум он ҳудудро «Қутчӣ» (маскани хайру барака) меномиданд. Дар ин ҷо, ки бо дашти Ҷилвон ҳамҳудуд аст, хоҷагии давлатии «Меҳнатобод» фаъолият дошт. Сонитар ҷойи онҳоро хоҷагиҳои фермерӣ гирифтанд, – гуфт раис.

– Аз мавзеи «Ўзбекистони Нав» то маркази ноҳияи Ғиждувон масофа чӣ қадар аст? – пурсидем аз раиси маҳалла.

– 15 километр.

– Имрўз дар мавзеъи нав истиқоматкунандагон бисёранд?

– Бисёр, як қисми онҳо муваққатан ба деҳот – ба киштукор рафтаанд.

– Масъалаи бозор, таъминоти рўзгор бо озуқаворӣ барои аҳолӣ чӣ гуна аст?

– Ҳар як ошёнаи иморатҳои панҷошёна дўкони худро дорад, – гуфт мусоҳибам.

Бояд таъкид намуд, ки дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Барака» ба ғайр аз мавзеи «Ўзбекистони Нав» дигар нуқтаҳои аҳолинишин ҳастанд.

Дар ноҳия дар доираи барномаҳои «Деҳаи обод», «Маҳаллаи обод» ҷараёни бунёдкорӣ сурат мегирад. Хусусан, ин ҷараён дар маҳаллаҳои «Бақоллар» ва «Саидкент» бо сохтани объектҳои нави иҷтимоӣ, таъмири роҳҳои дарунӣ, беҳбудии шабакаҳои барқ, оби ошомиданӣ ва таъмини газ корҳои таҷдидёбӣ сурат мегирад.

Дар натиҷа ҳазорҳо одамонро муҳити дилхоҳи зиндагӣ фаро мегирад.

Дигаргуниҳои имрўзаи маҳаллаи «Барака», ҳар як манзил, мактаб, боғча, муассисаи тиббие, ки ин ҷо бунёд гардидааст, ифодаи амалии Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав, бузургдошти қадри инсон, ҳифзи манфиатҳои, мардум мебошад. Беҳуда нест ки имрўз маҳаллаи «Барака» на фақат дар ноҳияи Ғиждувон, балки дар миқёси вилоят чун яке аз ҳудуди рушдёфта эътироф гардидааст.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти БУХОРО.*

# ҚУВВАИ ИНСОН ДАР ҚАДАМҲО НЕСТ,

## балки дар қалби ўст

Дар кишвари мо ҳифзи шаъну шарафи инсон ва таъмини зиндагии шоиста барои ҳар як шаҳрванд ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Аз ҷумла, барои дастгирии шаҳрвандони маъюб фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, ҷалби онҳо ба соҳибкорӣ ва рушди қобилияту истеъдодашон имкониятҳои васеъ муҳайё гардидаанд.

Мисоли равшани инро дар ҳаёти косонсойиён дидан мумкин аст. Бо истифода аз имкониятҳои фароҳамшуда дар ноҳия одамони зиёде ҳастанд, ки манбаи хурд, вале устувори даромади худро доранд.

Гулчеҳра Имомова, маъюби гурўҳи 2, ки дар маҳаллаи Замондош зиндагӣ мекунад, яке аз ин гуна занон аст. Қаблан ў дар «Дафтари занон» сабти ном шуда буд. Вай ҳатто кори доимӣ надошт. Аммо, таваҷҷуҳи мақомоти маҳалла ва ноҳия ва додани мошини дўзандагӣ бо қарзи имтиёзнок, дар ҳаёти ў як нуқтаи гардиш буд.

Гулчеҳра имрўз аз духоба кўрпа, болишт ва рўймоли миёнбанд медўзад ва онҳо харидоргиранд.

– Қаблан, гарчанде, ки ман метавонистам ин корро кунам, лекин имконият надоштам, – мегўяд Гулчеҳра. – Пас аз гирифтани мошини дўзандагӣ бовариам ба худам афзуд. Акнун ман ифтихор мекунам, ки ба оилаам кумак мекунам, ба буҷаи оила ҳиссаи худро мегузорам. Ба ҳар як чизи дўхтагиам мисли фарзандам меҳр дода муносибат мекунам. Зеро, эътимоди харидор барои ман бузургтарин сарват аст.

Манзура Усмонова низ маъюби гурўҳи 2 мебошад. Ў дар маҳаллаи Озод умргузаронӣ мекунад. Ба ў низ мошини дўзандагии имтиёзнок дода шуд. Манзура бо корхонае, ки дастмолҳои гуногун истеҳсол мекунад, шартнома баста, маҳсулоти тайёршударо дўхтаву коркард мекунад.

– Дар аввал фикр кардам, ки танҳо барои худам кор мекардаам, – мегўяд ў. – Лекин баъд фикр кардам, ки ба ҳамсоязанон кор таъмин кунам. Бо ин мақсад боз як мошини дўзандагӣ харид кардам ва ба 3 нафар зани бекор кор додам. Айни замон онҳо низ дар асоси кооператив дастмолҳои гуногун медўзанд ва ба оилаи худ даромади устувор меоранд.

Ҷўрабой дар маҳаллаи Чар зиндагӣ мекунад. Ў маъюбии гурўҳи 1 мебошад. Аммо маҳдудиятҳои ҷисмонӣ иродаи ўро маҳдуд накардаанд, аз орзуҳои некаш, аз касби дўстдоштааш маҳрум накардааст.

Имрўз вай дар коргоҳи хоксорона, вале пурсамари худ, ки дар маркази ноҳияи Косонсой ҷойгир шудааст, ба мардум хизмат мекунад. Ў дар байни мардуми ноҳия ҳамчун як ҳунарманди моҳир эҳтиром дорад, ки ҳар як шахси ба коргоҳаш омадаро самимона пешвоз мегирад.

Роҳи зиндагии Ҷўрабой осон набуд. Аммо, ў озмоиши тақдирро қабул карда аз зиндагӣ дур нагашт. Баръакс, бо азми қавӣ ба майдони меҳнат ворид шуд.

– Меҳнат инсонро ба ҳаёт мепайвандад. Имконияти инсон пеш аз ҳама дар андешаи ўст. Ман худро ҳеҷ гоҳ маъюб ҳис накардаам. Агар шахс худро нотавон ҳисоб кунад, пеш намеравад, – мегўяд вай.

Мардуми ноҳия ўро на танҳо дуредгари моҳир, балки ҳамчун шахси самимӣ эҳтиром мекунанд. Касе барои пурсидани маслиҳат ояд, касе барои суҳбати одӣ меояд...

Муҳимтар аз ҳама, шахсони имконияти ҷисмониашон маҳдуд худро аъзои комилҳуқуқи Ватан ҳис мекунанд. Суханони онҳо эҳсоси миннатдорӣ ва ифтихорро ифода менамоянд. Зиндагии осудаашон намунаи равшани пирўзии ирода ва меҳнат аст. Зеро, қувваи ҳақиқӣ на дар қадамҳои инсон, балки дар қалб ва имони ў аст.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Наманган.**

# ЗАМИНҲОИ БЕКОРХОБИДА МАВРИДИ ИСТИФОДА ҚАРОР МЕГИРАНД

***Имрўз имконият фароҳам омадааст, ки заминҳои дар тўли таърих бекорхобида азхуд карда шаванд. Дар онҳо маҳсулоти хоҷагии деҳот кошта ва ниҳолҳои гуногун шинонида мешаванд.***

Дар таърихи ноҳияи Конимех бори аввал бо мақсади истифодаи самараноки чарогоҳҳо ва заминҳои биёбон, ҷалби сармоя ба соҳаи кишоварзӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, корҳои азхудкунии заминҳои қаблан бекорхобида оғоз гардид.

Лоиҳа дар ҳамкорӣ бо ҶММ «Navoiy Worlg Agrotech» амалӣ мегардад.

Дар айни замон, дар масоҳати тақрибан 50 гектар кишти чигит бо усули дуқатора, тибқи нақшаи 76х10 ва зери плёнка анҷом дода шудааст. Ҷолиби диққат аст, заминҳое, ки қаблан биёбон ҳисоб мешуданд, ҳоло дар ҳамкорӣ бо сармоягузорон дубора ба гардиш ворид мегарданд.

Дар ин ҳудуд дар тамоми марҳилаҳои ғизодиҳӣ технологияи обёрии қатрагӣ ҷорӣ гардидааст, ки ба сарфаи об ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин, дар доираи лоиҳа корҳои ҳамворкунии замин бо истифода аз технологияи муосири лазерӣ анҷом дода мешаванд.

Муҳим он аст, ки дар ҷараёни кишти чигит шаҳрвандони муваққатан бекор ба кор ҷалб гардида, ба ин васила манбаи даромад пайдо мекунанд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОЙ.*

**Кишоварзӣ**

***Соли равон қариб панҷ ҳазор хоҷагии фермерӣ ва деҳқонии вилояти Самарқанд дар 84 ҳазор гектар замин навъҳои беҳтару хубтар, серҳосилу ба бемориҳо тобовари ғалларо парвариш карданд.***

# БА ХИРМАН БАРАКА!

Мувофиқи пешгўии мутахассисони соҳаи кишоварзӣ аз сабаби сербориш омадани сол ҳосилнокӣ нисбати соли гузашта 4 дар сад хоҳад афзуд. Масалан, соли сипаришуда ҳосилнокии ҳар гектар майдон 77 сентнерро ташкил карда бошад, имсол ин рақам 100 сентнер хоҳад шуд.

Мавсими дарави соли равон аз ноҳияи Нуробод оғоз ёфта, дар ноҳияи Ургут дар 23 шабонарўз ба хотима меёбад.

Дар вилоят барои дар муддати кўтоҳ ва муайяншуда бидуни талафот ҷамъоварии ғалла 260 комбайни баландиқтидор ва беш аз ҳазор мошини боркаш,70 устохонаи таъмирӣ сафарбар шудаанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

## Дар бораи кушодани ҷамъомади умумии шонздаҳуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон

Ҷамъомади умумии шонздаҳуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон кори худро **13 июни соли 2026, соати 10:00** дар шаҳри Тошканд, дар толори ҷамъомадҳои Сенати Олий Маҷлис оғоз мекунад.

Ҷамъомади умумӣ тавассути шабакаи Сенат дар YouTube ба таври мустақим пахш мегардад.

**ЎзА.**

# КИРМАКПАРВАРОНИ ПЕШҚАДАМ

***Дар мамлакатамон барои рушди соҳаи кирмакпарварӣ, истеҳсоли пилла, афзоиши корхонаҳои кирмакпарварӣ ва дар асоси он таъмин намудани шуғли аҳолӣ, қарори роҳбари давлатамон «Дар бораи чорабиниҳои иловагии рушди соҳаи кирмакпарварӣ бо низоми нав ва тақвияти пойгоҳи озуқаворӣ» қабул гардида буд.***

Дар ноҳияи Уйчии вилояти Наманган барои оилаҳое, ки бо парвариши пилла машғуланд, шароити зарурӣ фароҳам оварда, ба дастгирии аҳолии соҳа таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

Имсол кирмакпарварони ноҳия аз 3970 қуттӣ кирмак 238 тонна пилла ҷамъоварӣ карда, дар вилоят ҷойи аввалро ишғол карданд. Кирмакпарварӣ дар ноҳия ба манбаи шуғл ва даромад табдил ёфта, 1985 нафар занон бо кори мавсимӣ таъмин гардиданд. Аз ҳар қуттӣ ба ҳисоби миёна 60 килограмм пилла ба даст омад.

**Шаҳло МАМАДҶОНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*14 июн – Рӯзи байналмилалии донорҳои хун*

# ДОНОР ШАВЕД ВА САЛОМАТИИ ХУДУ ДИГАРОНРО ҲИФЗ КУНЕД!




Донор нафарест, ки бо хоҳиши худ ё фармудаи виҷдону дилаш ба ҳаёти нафари дигар масъул мебошад. Яъне инсонест, ки масъулияти ҳифзи саломатии дигаронро ба зимма мегирад. Донор ба даҳҳо нафар умед мебахшад ва саломатӣ ато менамояд. Аз ин рӯ донор бояд дар ёд дошта бошад, хуни ӯ шояд ба шарёни кӯдакону пирон, беморони ҳолу аҳволашон вазнин рехта мешавад.

Агар шумо барои донор шудан аҳд карда бошед, дар баробари сиҳҳатии дигарон бояд саломатии худро низ ҳифз кунед. Дуруст ва сари вақт хӯрдани таом, истеъмол накардани машрубот, накашидани сигору нос ва ғайра бояд тарзи зиндагии донор бошад. Риоя кардан ба фосилаи хунсупорӣ ҳам шарт аст.

Яъне агар шумо донор ҳастед, пас бояд инсони солим низ бошед!

Агар шумо солим бошеду донор набошед, ин нуқсро зуд аз худ дур созед! Донорӣ ба шумо бобати ҳифзи ҳаёти дигарон эҳсоси шодмонӣ ва ифтихор ато месозад.

## ДОНОР ВА ҲУҚУҚҲОИ Ӯ

Нафаре, ки солиму синнаш аз 18 то 60 сола, вазнаш аз 50 кило зиёд ва миқдори гемоглобини хунаш, агар зан бошад, аз 120 г/л ва агар мард бошад, 128 г/л кам набошад, метавонад донор бошад. Аз донорҳо талаб карда мешавад, ки ҳангоми хунсупорӣ бо худ шиноснома, агар ҳарбӣ бошанд, гувоҳнома дошта бошанд. Инчунин, онҳо бояд як рӯз қабл аз хунсупорӣ қатрае машрубот нанӯшида, бароҳат хоб рафта, хӯроки серғизо хӯрда, сонӣ ба маркази хунсупорӣ раванд.

Донор, бешубҳа, инсони ба ҳурмат сазовор аст. Барои ҳамин ҳам ҳуқуқи ӯ вақти супоридани хун ва компонентҳои он ҳифз карда мешаванд. Ходимони тиб ба саломатии доноршаванда бояд кафолат диҳанд. Дар баробари ҷуброни зарар ба ӯ хӯроки ройгон дода мешавад.

## ТАРТИБИ ХУНСУПОРӢ

1. Донор баъди дар маркази хунсупорӣ аз қайд гузаштан, пурсишномаи тиббиро пур мекунад. Дар он ҷавоби пурсишҳоро оид ба солим будан ва тарзи зиндагиаш менависад. Ба саволҳо ҷавоби дуруст додани донор ҳатмист, зеро ҷавоби дуруст ба ҳифзи саломатии худи ӯ ва бемори хунгиранда мусоидат мекунад.

Ба ошкор накардани маълумоти донор кафолат дода мешавад. Ба дигар мақсадҳо истифода бурдани маълумот низ манъ карда шудааст.

2. Сипас дар лаборатория аз донор барои аниқ кардани гурӯҳи хунаш хун мегиранд.

3. Қадами баъдӣ қабули шифокор буда, он бисёр муҳим аст. Зеро масъалаи хун супоридан ё насупоридани донорро маҳз шифокор ҳал мекунад. Ин қарор дар асоси натиҷаҳои таҳлили лабораторӣ, яъне миқдори гемоглобин, ҷавоби пурсишнома ва натиҷаҳои ташхиси тиббӣ – фишори хун, набз, вазни тана ва ҳарорати бадани донор қабул карда мешавад. Бо назардошти натиҷаҳои ташхиси донор ва талаботи касалхона аз вай гирифтани хун ё компонентҳои он тавсия карда мешавад.

4. Баъди ба хунсупорӣ рухсат додани шифокор ба мақсади пешгирии камшавии миқдори хун дар тани донор, пур кардани ҷойи он ба ӯ ширинчой медиҳанд.

Бояд гуфт, ки дар ҳар тадқиқу санҷиш анҷомҳои тиббии якдафъина истифода мешаванд, зеро бо ин хавфи сироят кардани бемориҳо ба донор ва баръакс бартараф мегардад.

5. Тарзи хунсупорӣ хеле одист. Донорро дар курсии роҳатии махсус менишинонанд. Қисми дарунии пӯсти оринҷи дастро бо моеи антисептик пок карда, баъд аз вена дар зарфи махсуси хунгирӣ бо ёрии сӯзани стирилшуда хун мегиранд. Ҷараёни хунгирӣ тақрибан 10 дақиқа давом мекунад. Баъд аз супоридани хун ҷойи хунгириро бо докаи стирилшуда мебанданд. Он муддати ду соат баста меистад ва дар давоми ин рӯз ба донор тавсеа карда мешавад, ки бо кори ҷисмонӣ машғул нагардад.

6. Донор пас аз супоридани хун 10-15 дақиқа дар марказ истироҳат мекунад ва хӯроки сабук тановул менамояд.

Ҳамин тавр, ҳар нафари мо метавонем як соат вақти худро сарф намуда, дар роҳи ҳифзи саломатии инсон ё гурӯҳи инсонҳо кори савобу хайреро анҷом диҳем.

## КАФОЛАТҲОЕ, КИ БА ДОНОР ДОДА МЕШАВАНД

Ба донор дар асоси моддаҳои 20 ва 21-уми Қонун «Дар бораи донорӣ ва ҷузвҳои таркибии он», чунин кафолатҳо пешбинӣ шудаанд:

– донор рӯзи супоридани хун ва компонентҳои он ва рӯзе, ки аз муоинаи тиббӣ мегузарад, аз кор бо нигоҳ доштани маошаш озод карда мешавад;

– талабаҳое, ки дар мактабҳои миёнаи махсус, олӣ ва дигар таълимгоҳҳо таълим мегиранд, рӯзи аз назорати тиббӣ гузаштан ва рӯзи хунсупорӣ аз дарсҳо озод карда мешаванд. Хидматчиёни ҳарбӣ низ ҳамон рӯз аз хидмат озоданд;

– ба донор, баробари нигоҳ доштани ҳаққи музди меҳнат, як рӯзи иловагии истироҳатӣ дода мешавад. Рӯзи истироҳатӣ мувофиқи хоҳиши донор ба вақти таътили меҳнат изофа карда мешавад;

– ба донороне, ки беғараз ва мунтазам хун ва компонентҳои онро месупоранд, тибқи Қарори Девони Вазирон аз 23 июли соли 2014, нишони сарисинагии «Донори ифтихории Ҷумҳурии Ӯзбекистон» дода мешавад.

**Мирзоҳид ЎРОҚОВ,**
**сардухтури Маркази хунсупории вилояти Сурхондарё.**

---

***Соҳаи аграрӣ яке аз бахшҳои муҳими иқтисодиёт буда, манбаи асосии таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Айни замон деҳқонони вилояти Сурхондарё корҳои ҷамъоварии ҳосили ғаллаи соли ҷорӣ ва нигоҳубини пахтаро бо суръати баланд идома медиҳанд.***

# БАХШИ АГРАРИИ ВИЛОЯТ ДАР МАДДИ НАЗАР

Роҳбарияти вилоят дар маҳалҳо бо ҷараёни корҳо дар ин бахш шинос шуд. Нахуст шароити кории бинои азнавсозишудаи озмоишгоҳи фитосанитарии Раёсати карантин ва ҳифзи растаниҳои вилоят аз назар гузаронида шуд. Масъулон оид ба корҳои ба роҳ мондани фаъолияти озмоишгоҳ, гирифтани иҷозатнома ва ҷорӣ намудани хидматрасониҳои муосир маълумот пешниҳод намуданд.

Роҳбарият барои роҳандозии тамоми намудҳои хидматрасонии зарурӣ дар раванди содирот ва боз ҳам содатар намудани тартиби хидматрасонӣ дар назди соҳибкорон вазифаҳои мушаххас гузошт.

Сипас, дар ҷаласаи видеоие, ки дар ноҳияи Ангор баргузор гардид, иҷрои вазифаҳо бино ба 12 самти афзалиятноки бахши аграрӣ баррасӣ шуд. Аз ҷумла, маълумоти масъулон оид ба ҷамъоварии ҳосили ғалла, парвариши пахта, рушди чорводорӣ, ворид намудани чорвои зотӣ аз хориҷ, бунёди боғҳои суперинтенсивии саноатӣ ба ҷойи боғҳои камсамар, истифодаи самараноки канораҳои замини кишт ва дигар самтҳо шунида шуд.

Дар рафти ҷаласа намояндаи воҳа, ғолиби форуми ташаббусҳои созандаи «Барои оянда» Зокир Йўлдошев ҳозиринро бо лоиҳа ва ташаббусҳои худ, ки дар асоси Фармони Президент «Дар бораи чораҳои иловагӣ ҷиҳати дастгирии бештари ташаббусҳоиояндасоз дар татбиқи ислоҳот» роҳандозӣ шудааст, ошно намуд.

Пас аз муҳокима роҳбари вилоят бо ҷараёни дарави ғалла ва нигоҳубини агротехникии пахта, ки дар ноҳияҳои Ангор, Музработ, Шеробод, Қизириқ, Ҷарқӯрғон ва Тирмиз, аз ҷумла, дар майдонҳое, ки бо усули «Шинҷон» кишт шудаанд, шинос гардид.

Қобили зикр аст, ки беш аз даҳ хоҷагии фермерӣ ҳанӯз дар рӯзҳои аввали мавсими дарав нақшаҳои шартномавии ба давлат супоридани ғалларо барзиёд иҷро намуданд.

Роҳбари вилоят ба масъулон доир ба ташкили босифат ва муташаккилонаи ҷамъоварии ҳосили ғалла тавсияҳо дод.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

---

# МЕҲМОНХОНАИ НАВ ДАР БУХОРО

***Дар натиҷаи ислоҳот ва афзудани эътибор ба соҳа дар мамлакатамон шумораи сайёҳон сол то сол меафзояд. Аз ҷумла, соли гузашта ба Бухоро зиёда аз 7,5 млн. нафар сайёҳон ташриф оварданд ва 2,7 млн. нафари онҳоро сайёҳони хориҷӣ ташкил мекунанд, ки ин нисбат ба соли 2016 15 баробар зиёд аст. Имрӯз дар вилоят 717-то объектҳои хурду калони қабули меҳмонон фаъолият дорад ва онҳо 18,5 ҳазор нафарро дар бар гирифта метавонанд.***




Ба қарибӣ дар ҳудуди шаҳри кӯҳнаи Бухоро боз як меҳмонхонаи нави замонавии чорситорадор ба кор даромад. Онро бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Шарқ юлдузи муқаддас» таҳти унвони «Poykent Bukhara Old City» бунёд карданд. Ин меҳмонхонаи 2-3 ошёна дорои 248 ҷой буда, барои сохтмонаш 25 млрд. сӯм маблағ сарф шудааст.

Ин меҳмонхона панҷумин меҳмонхонаи шабакаи меҳмонхонаҳои «Poykent Bukhara» маҳсуб ёфта, боиси бо кор таъмин шудани 110 нафар кормандони таҷрибаи хориҷидошта мегардад. Дар маросими кушодашавии меҳмонхона ҳокими вилоят Комил Зарифов, роҳбари Иттиҳоди созмонҳои сайёҳии хусусии ҷумҳурӣ Гулчеҳра Исроилова, мутасаддиёни соҳа ва аҳли ҷамоат иштирок карданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

---

***Дар вилояти Сурхондарё ташаббусҳо ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги экологӣ миёни насли наврас, ташаккули муносибати эҳтиёткорона ба табиат ва рушди малакаҳои амалӣ пайваста татбиқ мегарданд. Яке аз намунаҳои муваффақи чунин таҷрибаҳо дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 74-уми ноҳияи Деҳнав дар доираи лоиҳаи байналмилалии «Eco-Schools Uzbekistan» роҳандозӣ шуд.***

# ҲАМОҲАНГИИ ТАЪЛИМИ ЭКОЛОГӢ БО АМАЛИЯ

Дар ҳудуди муассисаи таълимӣ гармхонаҳо ташкил гардидаанд, ки дар онҳо бодиринг, навъҳои гуногуни кабудӣ, тути заминӣ, гулҳои рангоранг ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ парвариш карда мешаванд. Хонандагон дар тамоми марҳилаҳои ин раванд фаъолона иштирок намуда, донишу малакаҳои амалиро дар самтҳои экология ва деҳқонӣ аз худ мекунанд.

Ҳамзамон, дар мактаб майдони агроэкологӣ низ таъсис дода шудааст, ки дар он харгӯш, мурғ, ғоз ва мурғобӣ парвариш меёбанд. Ин ташаббус дар тарбияи меҳнатдӯстии хонандагон ва ҳисси масъулиятшиносии онҳо дар назди табиат нақши муҳим дорад.

Тавре масъулон таъкид мекунанд, фаъолияти гармхона ва дигар лоиҳаҳои агроэкологӣ барои муассиса ҳар моҳ зиёда аз 10 миллион сӯм даромад меорад. Маблағҳои бадастомада барои таҳкими пойгоҳи моддию техникии мактаб, беҳтар намудани сифати таълим ва фароҳам овардани шароити мусоидтар барои хонандагон равона карда мешаванд.

Коршиносон бар ин назаранд, ки чунин таҷрибаҳо на танҳо ба рушди маърифати экологӣ мусоидат мекунанд, балки ҷавононро ба интихоби касбу ҳунар ҳидоят намуда, имкониятҳои иқтисодии муассисаҳои таълимиро васеъ мегардонанд. Таҷрибаи Деҳнав нишон медиҳад, ки ҳамгироии таълим бо амалия метавонад барои тарбияи насли огоҳ, фаъол ва масъулиятшинос заминаи устувор фароҳам оварад.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*



*Вилояти Фарғона дар соҳаи хоҷагии деҳот, хоссатан, дар бахши меваву сабзавот яке аз минтақаҳои пешбари мамлакат мебошад.*

*Гелос ва зардолуҳои ширину сершираe, ки дар боғҳои вилоят парвариш карда мешаванд, имрӯз натанҳо дар бозори дохилӣ, балки дар бозорҳои ҷаҳон низ серхаридоранд.*

*Ноҳияи Қува дар ин бобат ҷойгоҳи худро дорад. Дар ноҳия 6,5 ҳазор гектар боғҳои мевадор ҳастанд, ки аз ин 1,2 ҳазор гектарашро боғҳои интенсив ташкил медиҳанд. Бояд таъкид намуд, ки имсол меваҳои Қува бори аввал аст, ки ба бозорҳои ИМА, Ҷопон ва Куриёи Ҷанубӣ интиқол дода мешаванд.*

*Гелосу зардолуҳои ноҳияи Олтиариқ низ ҳоло содир мешаванд. Имсол дар ин ноҳия 7 яхдонанбори ғунҷоишашон 6,5 ҳазор тонна созмон дода хоҳад шуд.*

***Аксбардор: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

---

*Соҳибкорӣ*

# НЕЪМАТИ ТАБИАТ – ГАНҶИ САЛОМАТӢ



Ба дастархонамон дар қатори дигар анвои хӯрданӣ, албатта, мавиз мегузорем. Бо чормағз истеъмол кардани он боз ҳам фоидаовар аст. Ба қарибӣ ба хонадоне ба меҳмонӣ рафтем. Шукри беадад, суфраҳоямон аз нозу неъмат – қанду қурс, нонҳои баширу равғанин, чалпаку қатлама ва дигар меваҷот пур аст, ки ин аз ободии кишвар, меҳнаткашиву меҳмондӯстии халқамон дарак медиҳад. Аз ҳама чиз мечашидем, вале кам буданд нафароне, ки мавизро низ ба даҳон андозанд.

– Аз қадим нақле ҳаст, ки гӯё мавиз ба неъматҳои атрофаш, ки ҳама тановул мекарданд, назар андохта, ҳасад мебурдааст ва мегуфтааст: «Илоҳо ман барин пажмурда шавед!» Барои ҳамин панҷшаш дона мавизро низ ба даҳон андозед, – гуфт бо каме табассум куҳансолтарини аҳли нишаст холаи Гулсум. Баъди ин, ба истеҳсол, хусусиятҳои шифобахшии мавиз таваҷҷуҳ намуда, ба манбаъҳо доир ба ин неъмати бебаҳои табиат рӯ овардем.

Мавиз яке аз маҳсулоти қадима ва серистеъмол дар дасторхони мардуми мост. Он аз ангури пухта бо роҳи хушккунӣ ҳосил мешавад ва дар тӯли асрҳо ҳамчун ғизои серқувват, табобатӣ ва тиҷоратӣ мавқеи хос дорад. Дар минтақаҳои гарм, аз ҷумла, Осиёи Марказӣ, парвариши ангур ва истеҳсоли мавиз анъанаи дерина буда, имрӯз ҳам аҳамияти иқтисодӣ ва ғизоии худро нигоҳ доштааст.

Дар ин хусус бо соҳибкори паркентӣ Хатира Мелиева суҳбат оростем. Апаи Хатира бо оилаи худ соҳибкори ангурпарвар мебошад. Дар панҷ гектар замини худ навъҳои гуногуни ангур: кишмиш, тоифӣ, ҳусайнӣ, ризомат ва ангури сиёҳ парвариш мекунад. Албатта, ин неъмати бебаҳо бо меҳнати машаққатнок, обу ҳавои мавсимӣ ва сабурона парвариш кардани он ба даст меояд.

– Бо аҳли оилаам ба боғдорию ангурпарварӣ, каму беш ба чорводорӣ машғул мешавем. «Ёр аҳл бошад, кор саҳл аст». Аз даромади ангуру мавиз, ноку себу гелос ва дигар меваҷот оиларо таъмин месозем. Ангуру мавизи навъҳои мухталифро содир низ мекунем. Савдогарон омада, аз сари замин гирифта мебаранд, – мегӯяд апаи Хатира. – Барои ба даст овардани мавизи босифат, пеш аз ҳама интихоби ангури пухта ва солим муҳим аст. Ангур бояд ширин ва беосеб бошад. Пас аз ҷамъоварӣ, онро шуста ва барои хушк кардан омода месозем.

Назар ба гуфтаи апаи Хатира усулҳои асосии хушккунӣ мухталифанд.

Усули анъанавии хушккунӣ дар офтоб (офтобӣ) аз маъмултарин аст. Ангурро дар рӯйи тахта ё матои тоза паҳн намуда, дар ҷойи офтобӣ мегузоранд. Дар давоми 7-15 рӯз, вобаста ба ҳарорат ва намнокии ҳаво, ангур тадриҷан хушк шуда, ба мавиз табдил меёбад. Барои баробар хушк шудан онро гоҳ-гоҳ тагурӯ мекунанд. Ин намуди мавизро мавизи офтобӣ меноманд.

Усули хушккунӣ дар соя (соягӣ) – ангурро дар ҷои шамол ва соя овезон мекунанд. Гарчанде ҷараён 20-30 рӯз давом мекунад, вале сифати маҳсулот баландтар шуда, ранги табиӣ ва мазаи мулоимро нигоҳ медорад. Бо дастгоҳҳои махсус низ хушк мекунанд. Дар истеҳсолоти муосир аз хушккунакҳо истифода мебаранд. Ҳарорат одатан дар ҳудуди 50-70 дараҷа нигоҳ дошта мешавад. Ин усул имкон медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳ ва бо назорати санитарӣ мавизи босифат истеҳсол гардад.

Барои нигоҳ доштани сифати он риояи қоидаҳои одӣ зарур аст. Онро бояд дар зарфи шишагӣ ё халтаҳои матоъӣ, дар ҷои хушк ва салқин нигоҳ дошт. Нур ва гармии зиёд метавонад боиси вайроншавӣ ё пайдоиши ҳашарот гардад. Дар шароити мусоид мавиз метавонад аз 6 моҳ то 1 сол сифати худро нигоҳ дорад. Дар мавриди нигоҳдории дарозмуддат истифодаи яхдон низ мувофиқ аст.

Истеҳсоли мавиз на танҳо барои истеъмол, балки ҳамчун маҳсулоти содиротӣ низ арзишманд мебошад. Он дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ талаботи зиёд дорад. Бо рушди технологияи муосир ва беҳтар шудани усулҳои бастабандӣ, имкони зиёд кардани ҳаҷми истеҳсол ва беҳтар намудани сифати маҳсулот бештар мегардад. Назар ба маълумотҳо, мавиз маҳсулоти серғизо буда, дорои миқдори зиёди қандҳои табиӣ (глюкоза ва фруктоза) мебошад, ки ба организм зуд қувват мебахшад. Он ҳамчунин манбаи витаминҳои B, моддаҳои маъданӣ, аз ҷумла калий, оҳан ва магний аст.

Истеъмоли мӯътадили мавиз кори дилу рагҳоро мунтазам мекунад, барои мустаҳкамии системаи асаб муфид аст, сатҳи гемоглобинро беҳтар месозад, ба хастагӣ ва камқувватӣ кумак мерасонад.

Тибқи маълумоти омор, истеҳсоли ангур дар минтақаҳои Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Наманган, Қашқадарё, Сурхондарё, Тошканд бештар аст. Дар минтақаҳои Навоӣ, Ҷиззах, Сирдарё ва Хоразм низ ангур парвариш мекунанд, аммо ҳаҷмашон камтар.

Бо нигоҳ доштани анъанаҳои қадима ва истифодаи технологияи нав, метавонем ин ганҷи табиатро барои наслҳои оянда низ ҳифз намоем.

**Сабоҳат ЭШМАТОВА.**

*Ноҳияи ПАРКЕНТИ*
*вилояти ТОШКАНД.*

# СУЛОЛАИ АРҶМАНД ДАР ТОШКАНД

## ё худ идомаи роҳи пуршараф

***Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ибратбахши яке аз саромадони санъати сарояндагии миллӣ Карим Зокиров (1912-1977) маълумотҳо зиёд. Агар писарони ӯ Ботир Зокиров ва Фаррух Зокиров, ки ситорагони санъати эстрадианд, ба унвони баланди «Ҳунарманди мардумӣ» сазовор гашта бошанд, ду фарзанди дигари хонадон бо унвони ифтихории «Ҳунарпешаи хидматнишондода» тақдир шудаанд.***



Дар тавфиқ ёфтан ва шуҳратёр гардидани ин чаҳор фидоии санъат, албатта, нақши қиблагоҳи онҳо Карим Зокиров, ки ҳанӯз дар солҳои сиюми қарни сипаришуда чун иҷрогари нотакрори опера ва таронаҳои классикӣ ном баровarда ва ба унвони баланди «Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон» лоиқ шуморида шуда буд, хеле бузург.

Баробари ҳамин дар беосеб ба воя расондани фарзандон ва касби камоли эшон Шоистахонум Саидова, ки низ санъатвари боистеъдод буд, чун модар ва тарбиятгар хидмати шоиста кард.

Кариму Шоистаро тақдир чӣ гуна пайваст?

Дар қалби Шоиста, бо вуҷуди он ки дар хонадони мулло (қорӣ) ба дунё омада, дар он солҳои вазнин ва мураккаб, сурудхонӣ он тараф истад, занону духтарон ҳатто бе фаранҷӣ ба кӯча намебаромаданд, меҳри санъат лона гузошта буд.

Саидқорӣ мегуфтанд падарашро, ки порчаҳои зиёд аз «Каломи Шариф»-ро азёд медонист ва дар қироат низ салиқаи ба худ хос дошт. Ҳафт забон, аз ҷумла, форсӣ-тоҷикиро хуб медонист. Сарватманд, айни вақт, ҳимматбаланд ва камбағалпарвар буд. Дар маҳалла ба тӯйи бечораву ниёзмандон сару бар мегашт. Ва касе дар хаёл надошт духтари ана ҳамин гуна як шахси диндор ва яке аз шахсиятҳои машҳур дар Тошканди азим баъди хатми мактаби ибтидоӣ ба Маскав меравад, дар студияи операву театр таҳсил менамояд, артист мешавад.

Саидқорӣ, ки дили нарм ва бузурге дошт, раъйи духтари азизи худро нашикаст, иҷозат дод вай орзуҳои худро ба амал барорад.

Ҳамон вақтҳо Каримро ҳам, ки решаҳои бухороӣ дошту фарзанди яке аз оилаҳои обрӯманд дар Тошканд буд, ба Маскав фиристода буданд. Ӯву Шоиста якҷо таҳсил карданд, ба якдигар дил бастанд ва «нури чашмҳо»-и Зокироқсақолу Саидқорӣ оила барпо намуданд. 26 апрели соли 1936 дар Маскав нахустфарзанди ҷуфти муносиб ба дунё омад, номашро Ботир гузоштанд.

Оилаи ҷавон ба Тошканд баргашт. Карим Зокировро аллакай берун аз ҷумҳурӣ низ аз рӯйи пластинкаҳояш мешинохтанд (мегӯянд дар охири солҳои сиюм як пластинкаи ӯро бо нархи як гов мехариданд). Вай дар Театри калони давлатии академии опера ва балети ба номи Навоӣ ба фаъолият шурӯъ кард. Дар операҳои «Фарҳод ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Дилором» ва ғайраҳо партияҳои ҷолиб ба иҷро расонд, нақши Мулло Дӯст аз «Найранги Майсара»-ро бо маҳорати тамом иҷро кард. Нақле ҳаст, барои он ки овози ӯро шунаванд, тамошобиноне, ки бегоҳирӯз билет ёфта натавонистанд, мешудааст шабона дар ҳавлии театр бихобанд, то барои пагоҳ билет дарёб созанд. Карим Зокиров сурудҳои классикиро низ ба маром расонда мехонд – устодона Шашмақомсароӣ менамуд.

Ба рафиқаи ҳаётиаш Шоистахонум дигар аз даргоҳҳои муътабари санъат – Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Муқимии пойтахт бари худро кушод. Ҷавонзани зебо ва кушодчеҳра буд. Дар иҷрои нақшҳои хурду бузург кулли маҳорат ба харҷ медод, овози марғуб ва рӯҳбахш, ки дошт, бо сурудҳои диловез қалби тамошобинон тасхир месохт. Баъди образи Лайлиро аз спектакли «Лайлӣ ва Маҷнун» устодона офаридanaш ӯро «Лайлии театри Муқимӣ» низ гуфтаанд солҳои дароз. То ба дунё омадани нахустнаберааш вай дар ин театр адои вазифа намуд. Ҳаёти минбаъдаашро ба тарбияи набераву абераҳо бахшид.

Карим Зокиров ва Шоиста Саидова панҷ писар ва як духтарро ба воя расонданд. Ботир, Луиза, Навфал, Ҷамшед, Фаррух ва Равшанро, ки аз пайи падару модар рафтаанд, алоқамандони санъати овозхониву театрӣ хеле хуб мешиносанд.

Бузургии Ботир Зокиров ва чун овозхони беназир ва дар қисмате аз кишварҳои дунё номварии ӯ ба касе сир нест. Оркестре, ки вай роҳбарӣ мекард, дар Ҷашнвораи умумиҷаҳонии донишҷӯён ва ҷавонон, ки соли 1957 дар Маскав рӯйи кор омад, бо иҷрои суруди «Ӯзбекистон» ба гирифтани дипломи махсус муяссар гашт. Он асно ба оркестр, зимнан, хоҳаракаш Луиза низ ҳамовозӣ намуд. Қобили таваҷҷуҳ боз он, ки мусиқӣ ва матн аз ҷониби бонуи хонадони арҷманд – Шоистахонум навишта шуда буд.

Акаву хоҳар – Ботиру Луиза якчанд таронаи хитшудаpo якҷо ба иҷро расондаанд.

Дар толори «Олимпия»-и Париж тамошобинони сершумор ба овозхонии Ботир Зокиров (соли 1966) лол монданд. «Тиллоӣ» номиданд садои ӯро. Сурудҳои ӯ бо як қатор забонҳои дунё, аз ҷумла ба забони форсӣ-тоҷикӣ дар Фонди тиллоии телерадиоширкати миллии мо нигоҳдорӣ мешаванд.

Афсӯс, дар миёнсолӣ вай ба касалӣ печид. Духтурон сурудхониашро манъ карданд. Аммо мегуфт: «Наметавонам, суруд – ҳаёти ман». Бо вуҷуди нохубии солимӣ дар «Роҳҳои пуроташ» ва «Ҷавонии Сино» барин картинаҳои миллӣ ӯ нақшҳои ҷолиб бозидааст. Барои радио бо унвони «Шоҳзодаи хурд» композитсияи адабӣ омода сохт ва қариб ба тамоми образҳо худаш овоз дод.

Ботир Зокиров чун мусаввири чирадаст низ ёдгориҳои зиёд ба ҷовидон гузошт.

Вай соли 1985 дар 49-солагӣ зиндагиро падруд гуфт. Баъди ӯ хоҳараш Луиза – Ҳунарпешаи хидматнишондодаи Ӯзбекистон, ки ҳанӯз дар хурдсолӣ бо садои дилкаш қалби Ҷавоҳирлаъл Неҳру барин сиёсатмадори шинохтаи дунёро ба ваҷд оварда буд, ба саҳна хайрухуш намуд.

Дигар аз фарзандҳои хонадон Навфал ҳам чун Ботир нобаҳангом аз дунё рафт. Вай консерваторияро хатм карда буд. Чун падар сарояндаи опера буд, таронаҳои эстрадиро низ ҳунарварона ба иҷро мерасонд. Соли 1977, вақте дар 36-солагӣ ногаҳон чашм пӯшид, хонаводаи машҳур гӯё дигарбора ба зилзилаи сахт дучор гашт. Асосгузори сулола Карим Зокиров ба ин бардошт карда натавонист. Баъди 40 рӯзи вафоти Навфал сактаи қалб ӯро аз миён бурд.

Ба Шоистахонум низ осон набуд. Доғи ду фарзанд, ки дар авҷи камолот чашм пӯшиданд, дилашро тагорӯ месохт. Вале сабр менамуд, шукри пайвандҳоеро менамуд, ки роҳи пуршарафи сулолаи Зокировҳоро идома медиҳанд. Вай бо арӯси хонадон Гавҳар ҳам (завҷаи Ҷамшед Зокиров, алъон Ҳунарманди мардумии Ӯзбекистон), ки набераи Абдуллоҳи Авлонист, ифтихор менамуд.

Сарояндаи боистеъдоди таронаҳои мардумӣ, Ҳунарпешаи хидматнишондодаи ҷумҳурӣ Шоиста Саидова соли 2000-ум дар 80-солагӣ аз олам гузашт.

Дар ин айём баробари 90-солагии Ботир Зокиров 80-солагии додари ӯ Фаррух Зокиров – Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон таҷлил мегардад. Ба вай ҳамчунин аз ҷониби роҳбарони давлатҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Озарбойҷон унвони ифтихории «Ҳунарпешаи мардумӣ» дода шудааст.

Идомадиҳандаи сазовори сулолаи арҷманд Фаррух Зокиров ба наздикӣ бо фармони Президентамон бо ордени «Буюк хизматлари учун» тақдир шуд.

**Муҳаммадҷон ШОДӢ,**
*шаҳри ТОШКАНД.*

*Андешаҳо*

***Фикр мекунам, мушкилоти корҳои таълиму тарбия, сарфи назар аз он ки таваҷҷуҳ ба соҳа сол аз сол бештар мегардад, роҳи ҳалли худро пайдо накардааст. Инсон дар раванди истифода аз навгониҳои ҳаррӯзаи замони рушди босуръати технология, ҳангоми интихоби чизҳои барои худ муҳим, бисёр вақт саросема мегардад. Ҳар як ихтирои нав, дар баробари судбахш буданаш, тадриҷан боиси аз назар дур мондан ва фаромӯш шудани заруратҳои пешина мегардад.***

# ФАРҚ БАЙНИ КОРИ ДАСТӢ ВА КОМПУТЕРӢ

Бар асари пешрафтҳои бесобиқаи илму техника, ҳарчанд чунин ба назар мерасад, ки мушкили инсон осон мешавад, вале агар амиқтар биандешем, дарк менамоем, ки зиндагӣ ранги дигар мегирад.

Аз он, ки фикру мулоҳизаҳои мо перомуни таълиму тарбия аст, мехоҳем бо чанд мисол андешаҳои болоиро ба тасбит расонем.

Насли имрӯз, ки ба сафи пиронсолон пайвастанист, дар айёми кӯдакию наврасии худ дар синфҳои ибтидоӣ бо сиёҳидон ва қаламҳои содаи пардор навиштанро меомӯхт. Бисёр вақт ангуштон ва ҳатто либосҳоямон аз сиёҳии бунафш рангин мешуданд. Ин аз он далолат медиҳад, ки воситаҳои мо бисёр сода ва ибтидоӣ буданд.

Аммо ҳамон сиёҳидон ва ручкаҳои пардор имконият медоданд, ки ҳарфҳоро, дар пайравӣ ба дафтари машқ, зебо ва дилфиреб нависем.

Чаро инро мегӯям? Зеро аз дидгоҳи инҷониб, тарбияи зебоишиносӣ дар таълиму тарбия ҷойгоҳи асосӣ дорад. Дӯст доштани зебоӣ ва майл ба он қалбро ба сӯйи нафосат мекашад. Азбаски воситаи муҳимтарини донишомӯзӣ хондану навиштан аст, хатти зебо на танҳо василаи илмомӯзӣ, балки муҳимтарин афзори тарбия низ мебошад.

Дар миёнаи солҳои таҳсили мо ручкаҳои шарикӣ тадриҷан маъмул шуданд. Аввал дар мактаб ба навиштан бо онҳо иҷозат надоданд, вале замон кори худро кард. Бо гузашти вақт сиёҳидон ва ручкаҳои пардор аз истифода баромаданд. Баъдтар, журналҳои синфӣ низ ба ручкаҳои шарикӣ гузаштанд.

Имрӯз навъҳои нави воситаҳои навишт пайдо шудаанд. Аммо ҳамон қалам (ручка)ҳои аввалине, ки дар кӯдакии мо пайдо шуда буданд, бо вуҷуди «арзи ҳастӣ» намудани компютеру ноутбукҳо, ҷойгоҳи худро доранд.

Ҳамаи ин, албатта, нишонаи пешрафти замон аст. Танҳо чунин ба назар мерасад, ки илми ҳусни хат тадриҷан ҷойгоҳи худро аз даст медиҳад. Оре, дар синфҳои аввал ба он рӯйи эътибор гардонда мешавад, вале танҳо ба андозае, ки қаламҳои одӣ имкон медиҳанд. Бо онҳо намешавад нозукиҳои ғафсию борикии ҳарфҳоро нишон дод...

Дар гузаштаҳои дуру наздик нусхабардории китобҳо кори хаттотон буд. Биноан, санъату касби онҳо мақоми баланд дошт. Дар Шарқи исломӣ, аз ҷумла дар сарзамини мо, анвои гуногуни хатти арабӣ асрҳо такомул ёфта, санъати хаттотӣ ба дараҷаи баланд расида буд.

Албатта, имрӯз имкониятҳои компутер, ки қариб ҳамаи соҳаҳои ҳаёти модию маънавиро фаро гирифтааст, дигар касеро ба ҳайрат намеорад. Ҳар кору амалеро метавон бо он зуд ва дақиқ анҷом дод.

Аммо осон шудани корҳои фикрӣ боиси фориғболии идрок мегардад. Явош-явош эҷодкории фикрӣ имкониятҳои худро ба компутер месупорад. Ин ба он мемонад, ки ба неъматҳои поки табиат модаҳои гуногуни кимиёвӣ илова карда, пеш аз муҳлат бирасонем ва дар шакли нимпухт истеъмол кунем.

Бозгашт ба баъзе анъанаҳои хуби гузашта, ки ҷойи худро ба воситаҳои замонавӣ додаанд, албатта, ғайриимкон аст. Аммо баъзан, ба ёд овардани онҳо суде дар пай дорад. Масалан, дафтарҳои забони модарӣ барои ҳар синфи ибтидоӣ шакли махсус доштанд. Дар синфи якум хатҳои раҳнамои дафтарҳо барои дуруст навиштани ҳарфҳо буданд. Дар синфҳои болоӣ хатҳои раҳнамо тадриҷан кам мешуданд. Имрӯз, гумон мекунам, танҳо ду намуди чунин дафтар истифода мешавад.

Шояд барои таҷриба он дафтарҳои раҳнамо дубора нашр шаванд ва омӯзгорону хонандагони шавқманд аз онҳо истифода кунанд, таваҷҷуҳ ба ҳуснихат бештар гардад.

Ҳоло воситаҳои таблиғотию намоишӣ низ компутерӣ шудаанд. Ҳамаи ашёе, ки деворҳои мактабро оро медиҳанд, имрӯз бо воситаҳои махсус ва рангоранг рӯйи кор меоянд.

Аммо замоне буд, ки мо онҳоро бо даст месохтем. Он давра барои ман хотираҳои гарме боқӣ гузоштааст.

Дар ҷавонӣ рӯйи коғази махсус бо қалами плакатӣ воситаи намоишие бо номи «ИБОРА» омода карда будам. Он барои ман авҷи маҳорати онвақта буд. Вақте ду тарафи сарлавҳаро чен кардам, фосилаҳо комилан баробар шуданд, ки сабаби хушҳолии бузург буд.

Инҷониб дар мактаб як утоқи хурди фаннии забон ва адабиёт ташкил карда будам. Ҳар воситаи нави ба картон часпондаро дар ҷойи махсус овехта, дар дафтари алоҳида қайд менамудам. Ва аз афзудани теъдодашон завқ мебурдам.

Ҳангоми дарсдиҳӣ истифода аз воситаҳои аёнӣ бароям нерӯи иловагӣ мебахшид.

Албатта, давраи бо даст сохтани воситаҳои аёнӣ гузаштааст. Деворовезаҳо низ аз он ҷумлаанд.

Аммо фикр мекунам, ба ёд овардани таҷрибаи бо даст навиштани ҳарфҳои калон ва зебо кори беҳуда нест. Зеро чунон ки байни аксбардорӣ ва наққошӣ фарқ ҳаст, байни кори дастӣ ва кори компутерӣ низ тафовут вуҷуд дорад.

Асари рассом ҳиссиёт ва қалби ӯро инъикос мекунад. Сурат, ҳарчанд равшану ҷолиб аст, он сеҳру ҷозибаи тасвири дастиро надорад.

Қазоват аз ту, хонандаи азиз.

**Ҳусниддин ФАЙЁЗОВ,**
**узви Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

***Дар асри рақамикунонӣ ҷаҳон бо суръате тағйир меёбад, ки чанд даҳсола пеш тасаввур кардани он мушкил буд. Технологияҳои нав, махсусан зеҳни сунъӣ, имрӯз дигар мавзӯи филмҳои фантастикӣ нестанд, балки ба қисми ҷудонашавандаи зиндагии инсон табдил ёфтаанд. Аз идоракунии корхонаҳо то соҳаи тиб, аз низоми бонк то маориф – зеҳни сунъӣ дар ҳама самтҳо нақши бештар пайдо мекунад. Дар чунин шароит масъалаи омода намудани ҷавонон ба талаботи бозори нави меҳнат аҳамияти стратегӣ касб менамояд.***

# ОМОДАСОЗИИ НАСЛИ ҶАВОН БА КАСБҲОИ ОЯНДА

Натиҷаҳои бадастомада дар вилояти Навоӣ нишон медиҳанд, ки таваҷҷуҳи ҷавонон ба технологияҳои нав рӯ ба афзоиш аст. Дар доираи ин лоиҳа беш аз 64 ҳазор нафар хонанда дар самти зеҳни сунъӣ таҳсил намуда, соҳиби сертификат гардиданд. Ин рақам танҳо омори расмӣ нест. Паси он ҳазорҳо ҷавоне қарор доранд, ки имрӯз қадамҳои нахустини худро ба сӯйи ҷаҳони барномасозӣ, робототехника ва технологияҳои интеллектуалӣ мегузоранд. Мушоҳида мешавад, ки дар чанд соли оянда бисёр касбҳои анъанавӣ тағйир меёбанд ва ҳатто баъзе ихтисосҳо аз байн хоҳанд рафт. Ба ҷойи онҳо касбҳое пайдо мешаванд, ки дониши рақамӣ ва фаҳмиши зеҳни сунъиро талаб мекунанд. Аз ин рӯ, омӯзиши чунин малакаҳо барои хонандагон дигар интихоби иловагӣ не, балки зарурати замон мебошад.

Дар паси ҳар дастоварди хонанда заҳмати омӯзгор қарор дорад. Бинобар ин, қадрдонии устодоне, ки дар самти рушди саводнокии рақамии ҷавонон саҳми назаррас мегузоранд, аҳамияти махсус дорад. Дар вилояти Навоӣ байни омӯзгорони соҳаҳои мазкур мунтазам озмунҳо баргузор мегарданд. Дар озмуне, ки дар шаҳри Навоӣ баргузор гардид, 8 нафар омӯзгори фанни информатика ва технологияҳои иттилоотии вилоят дар номинатсияи «Омӯзгори фаъолтарини информатика» ғолиб дониста шуданд. Ҳар яке аз онҳо бо мукофоти пулӣ ба маблағи 1000 доллари ИМА сарфароз гардид.

Ин иқдом танҳо як шакли мукофотонидан нест. Он паёми равшанест ба ҷомеа, омӯзгоре, ки дониш, навоварӣ ва малакаҳои муосирро ба шогирдон меомӯзонад, бояд қадр карда шавад.

Дар низоми таълим танҳо саъю кӯшиши омӯзгор ё хонанда кофӣ нест. Муҳити мактабӣ, дастрасӣ ба технология ва рӯҳияи навоварӣ низ нақши муҳим мебозанд. Дар номинатсияи «Мактаби фаъолтарин» мактаби таҳсилоти умумии рақами 13-уми шаҳри Зарафшон ба пирӯзӣ ноил шуда, соҳиби туҳфаи Президент – автомошини барқии BYD гардид.

Ин ғолибият нишон медиҳад, ки муассисаҳои таълимӣ метавонанд ба марказҳои рушди технология ва навоварӣ табдил ёбанд. Вақте роҳбарияти мактаб, омӯзгорон ва хонандагон дар як ҳадаф муттаҳид мешаванд, натиҷаҳо низ назаррас мегарданд.

Ҷавонон ба дастгирӣ ва ангеза ниёз доранд. Бинобар ин, ҳавасмандсозии иштирокчиёни фаъол яке аз ҷанбаҳои муҳими лоиҳа ба шумор меравад.

Дар номинатсияи «Иштирокчии фаъолтарин» аз вилояти Навоӣ 39 нафар хонанда ғолиб дониста шуданд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# МЕРОСИ МАДАНӢ – САРВАТИ МУШТАРАКИ БАШАРИЯТ

***Инсоният дар тӯли таърих ҷангҳои зиёдеро аз сар гузаронидааст ва ҳеҷ яке аз онҳо барои мардум манфиати воқеӣ наовардааст. Ҷанг ҳамеша боиси талафоти ҷонӣ, ятим мондани кӯдакон, таҳқири занон, ғорат шудани молу мулк ва вайрон гардидани шаҳру деҳот шудааст. Асирон ба ғуломӣ кашида мешуданд ё ба таври оммавӣ ба қатл мерасиданд.***



***Дар сурат: Буддои Бомиён то хароб кардани Толибон.***

Имрӯз, дар асре, ки илму техника ва технология бо суръати бесобиқа рушд мекунанд, дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон ҳанӯз ҳам оташи ҷанг аланга мезанад. Онҳое, ки дар гирдоби ҷаҳолат ва таассуб ғарқ шудаанд, миллионҳо одамонро ба коми фоҷиа мекашанд. Одамоне, ки ҷангро аз сар гузаронидаанд, то поёни умр бо захмҳои ҷисмонӣ ва рӯҳии он зиндагӣ мекунанд.

Пӯшида нест, ки аз ҳама бештар кӯдакон аз ҷанг ранҷ мебаранд. Ҳеҷ кас намедонад, ки тақдири кӯдаки ятиму гурусна ва ташна дар оянда чӣ гуна хоҳад буд. Ҷанг на танҳо ҳаёти имрӯзаро вайрон мекунад, балки имкониятҳои фардои наслҳоро низ маҳдуд месозад.

Зарари ҷанг танҳо ба талафоти инсонӣ ва моддӣ маҳдуд намешавад. Он ба арзишҳои маънавии ҷомеа низ зарбаи ҷуброннопазир мерасонад. Дар натиҷаи ҷангҳо ва бӯҳронҳои сиёсӣ ёдгориҳои таърихӣ, осори фарҳангӣ ва шоҳкориҳои санъат нобуд мегарданд, ки онҳоро дигар ҳаргиз барқарор кардан ғайриимкон аст.

Яке аз чунин фоҷиаҳои фарҳангӣ дар соли 2012 дар шаҳри Тимбуктуи Ҷумҳурии Малӣ рух дод. Дар он ҷо гурӯҳҳои ифротгаро ва тундрав як қатор ёдгориҳои таърихӣ ва оромгоҳҳои шахсиятҳои маъруфро вайрон карданд. Китобхонаҳое, ки дастнависҳои нодир оид ба ҳуқуқ ва ситорашиносиро нигоҳ медоштанд, ба коми оташ кашида шуданд. Ин ҳодиса ҷомеаи ҷаҳониро сахт нигарон ва мутаассиф гардонд.

Ҳамчунин, вайрон шудани ёдгориҳои нодири тамаддуни қадимаи Сурия, аз ҷумла ибодатгоҳҳо ва ҳайкалҳои шаҳри бостонии Палмира, ки таърихи чандинҳазорсола доштанд, барои мероси фарҳангии ҷаҳон талафоти бузург ба ҳисоб мераванд.

Умуман, нобуд сохтани мероси фарҳангӣ ба як дин ё як давраи муайян хос нест. Дар тӯли таърих дар байни пайравони динҳо ва ҷараёнҳои гуногун, аз ҷумла буддоия, масеҳият, ислом ва дигар равияҳо, ҳолатҳои аз байн бурдани ёдгориҳои фарҳангӣ бар асари таассуб ва ҷоҳилӣ ба мушоҳида расидаанд.

Яке аз фоҷиаҳои бузургтарини фарҳангии асри XXI вайрон карда шудани муҷассамаҳои машҳури Буддои Бомиён дар Афғонистон мебошад. Ин ҳодиса моҳи марти соли 2001 аз ҷониби Ҳаракати Толибон ба вуқӯъ пайваст ва ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳайрат ва андӯҳ овард.

Муҷассамаҳои Буддои Бомиён аз нодиртарин ёдгориҳои тамаддуни ҷаҳонӣ ба шумор мерафтанд. Яке аз онҳо 55 метр ва дигаре 38 метр баландӣ дошт. Ин муҷассамаҳои азим дар асрҳои III–VI милодӣ, дар давраи Империяи Кушониён, дар сангҳои кӯҳ кандакорӣ шуда буданд. Онҳо рамзи равшани робитаҳои фарҳангӣ ва диние буданд, ки дар масири Роҳи бузурги абрешим ташаккул ёфтаанд.

Ин ёдгориҳо на танҳо арзиши динии буддоӣ доштанд, балки аз таърихи чандинҳазорсолаи халқҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ низ шаҳодат медоданд. Тибқи маълумоти таърихӣ, дар водии Бомиён зиёда аз даҳ ибодатгоҳи буддоӣ фаъолият мекард ва беш аз ҳазор роҳиб дар онҳо зиндагӣ ва ибодат менамуданд. Муҷассамаҳои азим бо тилло ва сангҳои қиматбаҳо оро дода шуда буданд ва аз зеботарин осори фарҳангии минтақа ба шумор мерафтанд.

Инчунин, маълумоте мавҷуд аст, ки дар асри XI вақте ки Абӯрайҳон Берунӣ аз дидани ин муҷассамаҳо ба ҳайрат меояд, дар бораи онҳо шеъре низ навиштааст.

Дар тӯли асрҳо борҳо кӯшиши нобуд кардани ин муҷассамаҳо сурат гирифта буд. Онҳо аз ҳамлаҳои Ғазнавиён дар асри XI, юриши муғулҳо дар асри XIII, низоъҳои дохилӣ ва ҳатто ҳаводиси пурошӯби асри XX осеб дида бошанд ҳам, аз нобудшавӣ наҷот ёфта буданд.

Аммо дар оғози соли 2001 Ҳаракати Толибон тасмим гирифт, ки ин муҷассамаҳоро ҳамчун «рамзи бутпарастӣ» аз байн барад. Пеш аз иҷрои ин харобкорӣ созмонҳои байналмилалӣ, давлатҳои гуногун ва шахсиятҳои маъруфи сиёсӣ барои ҳифзи онҳо талоши зиёд анҷом доданд. Баъзе кишварҳо ҳатто омодагии худро барои харидорӣ ва кӯчонидани муҷассамаҳо ба ҷойҳои амн изҳор карданд. Бо вуҷуди ин, ҳамаи ин кӯшишҳо натиҷа надоданд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва ЮНЕСКО, инчунин олимон ва донишмандони зиёди кишварҳои исломӣ аз Толибон даъват карданд, ки аз ин ҷаҳолат даст кашанд. Аммо ҳамаи ин мурoҷиатҳо бенатиҷа монданд.

Дар моҳи марти соли 2001 эълон гардид, ки тамоми муҷассамаҳои бузурги Бомиён ва қисми зиёди осори осорхонаҳои Афғонистон нобуд карда шудаанд.

Толибон ин амали худро ҳамчун пирӯзӣ бар зидди «ширкпарастӣ» муаррифӣ карданд. Вале онҳо дарк накарданд, ки нобуд сохтани ёдгориҳои беназири фарҳангӣ на пирӯзии ақида, балки шикасти фарҳанг ва пирӯзии ҷаҳолат аст.

Мероси фарҳангӣ моликияти як миллат ё як дин нест. Он сарвати муштараки башарият мебошад. Ҳар ёдгорие, ки аз байн меравад, бо он як саҳифаи таърих, як пора аз хотираи инсоният ва як пули пайванди гузашта бо оянда аз даст меравад.

Аз ин рӯ, ҳифзи мероси фарҳангӣ вазифаи ҳар як ҷомеа ва ҳар як инсон аст.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

**12 июн – Рӯзи ҷаҳонии мубориза бар зидди меҳнати кӯдак**

***Дар ҷаҳони муосир, ки ҳуқуқи инсон, адолати иҷтимоӣ ва рушди устувор ба арзишҳои бунёдӣ табдил ёфтаанд, масъалаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак беш аз пеш аҳамияти хос пайдо кардааст. Бо вуҷуди пешрафтҳои илмӣ ва иқтисодӣ, дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон миллионҳо кӯдак ҳанӯз ҳам аз ҳуқуқи таҳсил, истироҳат ва рушди солим маҳрум буда, ба меҳнати вазнин ё маҷбурӣ ҷалб мешаванд. Кӯдакӣ даврони омӯзиш, бозӣ, орзу ва ташаккули шахсият аст. Аммо барои миллионҳо кӯдак дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон ин давра на бо садои занги мактаб, балки бо ранҷи меҳнати бармаҳал, масъулиятҳои сангин ва маҳрумият аз ҳуқуқҳои асосӣ сипарӣ мешавад.***

# КӮДАК БОЯД ОРЗУ СОЗАД, НА РӮЗӢ ҶӮЯД








Оморҳое, ки созмонҳои байналмилалӣ пешниҳод мекунанд, нигаронкунандаанд. Тибқи маълумот, имрӯз дар ҷаҳон тақрибан 160 миллион кӯдаки аз 5 то 17 сола ба меҳнати машаққатнок машғуланд. Миллионҳо нафари онҳо дар муҳитҳое кор мекунанд, ки ба саломатӣ, амният ва рушди ҷисмониву равонӣ таҳдидовар аст. Маҳз бо дарназардошти ин мушкилоти глобалӣ, Созмони байналмилалии меҳнат соли 1997 12 июнро ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии мубориза бар зидди меҳнати кӯдакон эълон кард. Ин сана на танҳо як рӯзи тақвимӣ, балки даъватест ба давлатҳо, ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд барои ҳифзи кӯдак аз истисмор, фишор ва маҳрумият.

Коршиносони байналмилалӣ бар ин назаранд, ки меҳнати кӯдакон танҳо як мушкили иҷтимоӣ нест, он ба сатҳи камбизоатӣ, нобаробарӣ, маҳдудшавии дастрасӣ ба таҳсил ва рушди иқтисодии кишварҳо робитаи мустақим дорад.

Бисёр ба мушоҳида расидааст, ки кӯдакон паси растаҳо дар бозор савдо мекунанд, дар кӯчаҳо мошин мешӯянд ва дар деҳот ба мактаб нарафта чорвопарварӣ мекунанд. Солҳои пешин донишомӯзону донишҷӯён моҳҳо (аз моҳи сентябр то миёнаи моҳи декабр) таълимро як сӯ гузошта, ба пахтачинӣ сафарбар карда мешуданд. Зери борону барф пахта мечиданд. Кор ба дараҷае расида буд, ки хатмкунандаи мактаб пас аз ҷамъоварии 2 тонна ғизои чорво (дар ноҳияҳои чорвопарварӣ) ба гирифтани аттестат муяссар мегардид.

Дар солҳои охир масъалаи барҳам додани меҳнати маҷбурӣ ва меҳнати кӯдакон дар Ӯзбекистон ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Яке аз масъалаҳои бештар муҳокимашуда дар гузашта истифодаи меҳнати кӯдакон дар бахши пахтакории Ӯзбекистон буд. Солҳои зиёд ин мавзӯъ мавриди интиқоди созмонҳои байналмилалӣ қарор дошт. Аммо дар солҳои охир як қатор ислоҳот амалӣ гардиданд, ки ба тағйири вазъ мусоидат карданд. Соли 2022 эътилофи байналмилалии Cotton Campaign бекор шудани бойкоти ҷаҳонии пахтаи Ӯзбекистонро эълон намуд. Ин тасмим танҳо як хабар барои бозори пахта набуд. Он, ҳамчунин нишонаи эътирофи пешрафтҳои кишвар дар мубориза бар зидди меҳнати маҷбурӣ ва меҳнати кӯдакон арзёбӣ гардид.

Пас аз интихоб шудани Шавкат Мирзиёев ба мақоми роҳбари давлат, мубориза алайҳи ҳар гуна шаклҳои меҳнати маҷбурӣ ва меҳнати кӯдакон ба ҳайси вазифаи афзалиятноки давлатӣ муайян гардид.

Ин мавқеъ дар сатҳи байналмилалӣ низ борҳо таъкид шудааст. Соли 2017 зимни суханронӣ дар иҷлосияи 72-юми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид роҳбарияти Ӯзбекистон аз андешидани тадбирҳои қатъӣ барои аз байн бурдани ҳар гуна шаклҳои меҳнати кӯдакон ва меҳнати маҷбурӣ хабар дод. Баъдан, соли 2021 дар ҷаласаи Шӯрои ҳуқуқи инсони СММ ин афзалият бори дигар ҳамчун самти муҳими сиёсати давлатӣ таъкид гардид. Барои кишваре, ки тақрибан 40 дарсади аҳолиашро кӯдакон ташкил медиҳанд, чунин масъала аҳамияти махсус ва принсипӣ дорад.

Дастовардҳои бадастомада дар самти мубориза бо меҳнати кӯдакон имрӯз на танҳо нишонаи тағйироти дохилӣ, балки яке аз омилҳои таҳкими обрӯи байналмилалии Ӯзбекистон низ арзёбӣ мешаванд. Мутахассиси шуъбаи кор бо ҷавонони ноҳияи Нурато Мирзоҳид Фахриддинов бар ин назар аст, ки ислоҳот дар ин самт ба беҳтар гардидани фазои иҷтимоӣ, рушди муносибатҳои меҳнатӣ ва болоравии эътимоди ҷомеаи байналмилалӣ мусоидат кардааст.

Дар шароити иқтисоди ҷаҳонӣ, ки масъулияти иҷтимоӣ ба яке аз меъёрҳои муҳими баҳодиҳии кишварҳо табдил ёфтааст, риояи ҳуқуқи кӯдак ва таъмини меҳнати арзанда аҳамияти бештар касб мекунад.

Имрӯз дар кишвари мо ба муносибати ин сана дар истироҳатгоҳҳои солимгардонии кӯдакон таҳти шиори «Биёед, ӯҳдадории худро барои барҳам додани меҳнати кӯдакон иҷро кунем!» чорабиниҳои зиёд баргузор мегарданд. Мутахассис мегӯяд, ки дар маҳаллаҳо мубориза бар зидди меҳнати маҷбурии кӯдакон ба зиммаи пешвои ҷавонон во гузошта шудааст. Хушбахтона, дар давоми соли равон доири ҳодисаи меҳнати маҷбурии кӯдакон хабаре нарасидааст, яъне дар ҳудуди ноҳия чунин ҳодиса рух надодааст. Вале дар ноҳия 79 нафар толибилмони мактаб ба рӯйи хат гирифта шудаанд, ки ҷиноят содир кардаанд. Ва онҳо дар назорати кормандони ҳуқуқ қарор доранд. Мунтазам бо ин наврасон ва волидони онҳо корҳои тарғиботӣ бурда мешавад.

Пешвои ҷавонони маҳаллаи «Каттасой»-и ноҳия Аврангзеб Амонов иброз дошт, ки дар байни аҳолӣ ва донишомӯзони ду мактаби таҳсилоти умумии маҳалла доири масоили меҳнати маҷбурии кӯдакон мунтазам корҳои ташвиқотӣ пеш бурда мешавад. Ҳар гуна тадбирҳо гузаронида мешавад, ки ба омӯзиши маданияти ҳуқуқӣ кӯмак намуда, ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва худшиносии ҷавонон тақвият мебахшад. Ба андешаи Аврангзеб Амонов, кӯдак бояд дар синни кӯдакӣ китоб ба даст гирад, дониш омӯзад, орзу созад ва истеъдоди худро рушд диҳад, на он ки бори мушкилоти калонсолонро бар дӯш кашад.

Дар ҷомеаи солим муносибат ба кӯдак меъёри муҳимтарини инсондӯстӣ ва сатҳи рушди давлат ба ҳисоб меравад. Ҳар қадаре ки ҷомеа ба таълиму тарбия, саломатӣ ва ҳуқуқи кӯдак таваҷҷуҳ кунад, ҳамон қадар пояҳои рушди устувори он мустаҳкамтар хоҳанд шуд.

Аз ин рӯ, мубориза бар зидди меҳнати кӯдакон бояд ба фарҳанги доимии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, дастгирии оила ва таъмини имкониятҳои баробар барои насли наврас табдил ёбад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

**Ба ифтихори 80-солагии Аҳмад Зоҳир**

# ОВОЗХОНИ НОТАКРОР



***Дар оилаи шахси бомаърифату фарҳангдӯст доктор Абдузоҳир, ки дар вазифаҳои раиси парлумон, сарвазири мамлакат, сафири Афғонистон дар Ҳиндустон фаъолият дошт, 14 июни соли 1946 тифле ба дунё омад ва волидон бо умеду орзуҳои нек ӯро Аҳмад ном гузоштанд. Чун Аҳмад маънои сутудатар, ҳамидатар, мадҳкардашуда, писандида, Зоҳир бошад, маънои ошкоро, тобон, дурахшон, берунро дорад, бо гузашти солҳо дар ҳақиқат ин шахсият натанҳо чеҳраи шинохтаи писандидаву дурахшони Афғонистон, балки форсизабонон гашт.***

Ӯ дар оилае таваллуд шудааст, ки ба ягон чиз ниёзу эҳтиёҷ надошт, лекин тарбияи хуби падару модар ӯро нозпарвар накард. Баръакс Аҳмад дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, покниҳодӣ тарбия ёфт, ба камол расид. Дар литсейи махсуси «Ҳабибия» таҳсил намуд ва таҳсилро дар шаҳри Деҳлии Ҳиндустон давом дод. Ба Италияву Британия, ИМА сафарҳо кард. Мусиқии шарқу ғарбро бо ҳам омезиш дода, бо иловаи оҳангҳои ҳинд, услуби нави худро кашф карда, тавонист дар олами санъати сарояндагӣ номи худро бо ҳарфҳои заррин сабт намояд. Гӯем, ки дар санъат инқилоб карду ислоҳотгар буд, хато намешавад. Дареғо, афсӯси беҳисоб, ки ин ниҳоли басамаромада, ин гавҳари бебаҳо, Борбади сонӣ дар авҷи гул-гулшукуфӣ бо теғи ҷаҳолату разолат айнан дар рӯзи мавлудаш 14 июни соли 1979 кушта шуд.

Аз рӯи шунидаҳову мутолиаҳо аён мешавад, ки Аҳмад Зоҳир китобхонаи хеле ғанӣ (мегӯянд 8 ҳазор китоб) дошт. Ба китобхона даромада шеърҳои беҳтаринро интихоб мекард, оҳанг мебаст. Дар сари оҳанг гаштаву баргашта кор мекард (ҳатто 47 бор сурудеро аз нав сабт кардааст). Умуман, сурудҳои ӯ аз эҷодиёти беш аз 50 шоирро дар бар мегирад. Бештар аз ашъори Абулқосим Лоҳутӣ – шоири мубаризу озодихоҳ, аз ғазалиёти намояндаи бузурги тасаввуф Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ, ки дар шӯру шааф аз ӯ касе баландтар эҷод накардааст, сурудҳо офаридааст. Дар такя ба муҳаққиқи эҷодиёти Аҳмад Зоҳир рӯзноманигор Султон Аҳмад, гуфтан мумкин аст, ки ҷамъи сурудҳои Аҳмад Зоҳир 351-то буда, асосан бо забони тоҷикӣ-форсӣ сурудааст. Инчунин бо забонҳои ҳиндӣ 9-то, паштунӣ 6-то, англисӣ 4-то, русӣ 1-то суруда шудаанд. Ҷиҳати муҳими ҳунари овозхонии ҳофизи нотакрор он аст, ки суруд аз оҳанг баланд садо медиҳад. Умуман, аз сурудҳои Аҳмад Зоҳир хулоса баровардан мумкин аст, ки ӯ маърифати баланд дошт, адабиётдӯсту шеършинос, дақиқкору масъулиятшинос буд. Аз эҷодиёти ӯ ҳар кас барои таскини дилаш суруде меёбад, ки рӯҳи тоза, қуввату бол мебахшад.

– Эътибору шуҳрати шуарову удабо ва ҳунармандони асил бояд миллатро ваҳдату якпорчагӣ бахшад, на ҷудоиву ихтилоф.

Орзу дорам як шоҳиди хушбахтии инсонҳо бошам ва ин хушбахтӣ ба василаи сулҳу ҳамбастагӣ ва дӯстию ҳамкории инсонҳо муяссар ҳасту бас. Аввал он, ки ғурури ҳунар шикасти ҳунариро бор оварад. Дувум ин, ки рақобати ҳунарӣ бояд солим бошад, на ҳасодатомез.

Ман намехоҳам оҳангҳоям шабеҳи ҳам бошанд, дӯст надорам бо кӯҳна бисозам ва ҳамеша барои бофтани тозаҳои дигар равонам, – мегуфт Аҳмад Зоҳир.

Дар Сурхони мо низ ҳамзабонони алмоси Шарқ – Аҳмад Зоҳир асрҳои аср бо намояндагони халқҳо дӯстона зиндагонӣ доранд. Аз ҳар як бузургмарди илму адаб, сиёсату санъат ифтихорманданд, қадр менамоянд. Яке аз чунин шахсиятҳои маъруфу машҳур Аҳмад Зоҳир мебошад. Даҳҳо сарояндагони воҳаи Сурхону ноҳияи Сариосиё аз рӯи эҳтирому эътироф бо самимият аз эҷодиёти ин булбули санъат месароянд, ки беҳтаринашон Асадуллоҳи Қаландар мебошад. Ин дӯсту бародари адабиётпарвару санъатдӯсти мо, ҳофизи номӣ, қариб ҳар сол ёдбуди Аҳмад Зоҳирро ташкил менамояд. Имсол низ аз сабаби 14 июни соли ҷорӣ дар Душанбе тадбири ёдбуди Аҳмад Зоҳир ташкил шуданаш, дар санаи 17 июн «Ҷашнвораи 80-солагии Аҳмад Зоҳир»-ро дар тарабхонае дар Сариосиё ташкил намуданӣ аст. Ба нақша гирифта шудааст, ки сарояндагон аз Афғонистону Тоҷикистон низ иштирок менамоянд.

Бо эҳтиром 80-умин солгарди Аҳмад Зоҳирро ба кулли мухлисону санъатдӯстон муборакбод менамоем.

**Маҳкам ҶАЪФАРОВ,**
*ноҳияи Сариосиёи*
*вилояти Сурхондарё.*

**Таътили тобистона**

***Дар истироҳатгоҳи солимгардонии бачагонаи «Оби ҳаёт»-и ноҳияи Чуст тадбирҳои фарҳангӣ-маърифатӣ, машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, ташкили сайру гаштҳо ба гӯшаҳои зебову хушманзара, инчунин дар Маркази ахбор-китобхонаи ноҳия ташкили чорабиниҳо бахшида ба китобхонӣ гузаронида мешаванд.***

# ИСТИРОҲАТ ДАР «ОБИ ҲАЁТ»

Ба қарибӣ бо ташаббуси мутахассисони марказ Дилдора Наҷмиддиноваю Хуршеда Тӯхтасинова ва бо иштироки бачаҳои гурӯҳи даври дуюми истироҳатгоҳ ба шарафи Рӯзи арзишҳои миллӣ суҳбат барпо гардид. Бо китобхонӣ арзишҳои миллиро боз амиқ фаҳмидан, мероси маънавии ниёгон, урфу одатҳои миллиро ба насли наврас омӯзондан мақсади асосии чорабинӣ буд.

**Комилҷон КАРИМОВ,**
**роҳбари хидмати Маркази ахбор-китобхонаи ноҳияи Чуст.**

# ДУРДОНАЕ АЗ ФАРҲАНГИ МАРДУМ

***Ба қарибӣ дар факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғона чорабинии фарҳангӣ ва илмӣ баргузор гардид, ки ба муаррифии китоби арзишманди «Фарҳанги ибораҳои рехта, вожа ва боварҳои мардуми Сариосиё» бахшида шуд. Ин маҳфил аҳли илм, устодон, донишҷӯён ва дӯстдорони фарҳангро ба ҳам овард.***

Китоб натиҷаи меҳнати чорсолаи муҳаққиқи ҷавон Шаҳноза Боборачабова мебошад. Муаллиф дар тӯли ин солҳо бо заҳмати зиёд ибораҳои рехта, вожаҳои мардумӣ ва боварҳои халқиро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро дар шакли як китоби мукаммал пешкаши хонандагон кардааст. Ҳар саҳифаи китоб аз меҳру муҳаббат ба забони модарӣ ва эҳтиром ба мероси ниёгон шаҳодат медиҳад.

Дар рӯи чоп омадани китоб саҳми устод Ҷумъабой Ҷамолов низ назаррас аст.

Суханварон аз аҳамияти китоб ёдовар шуда, таъкид карданд, ки чунин осор барои омӯзиши забони тоҷикӣ, фарҳанги мардумӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ нақши муҳим мебозад. Қайд гардид, ки китоб метавонад барои донишҷӯён, омӯзгорон, муҳаққиқон ва дӯстдорони фарҳанг ҳамчун сарчашмаи муътамад хизмат намояд.

Ин рӯйдод бори дигар нишон дод, ки дар муҳити илмии факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғона таваҷҷуҳ ба мероси фарҳангӣ ва рушди илми забоншиносӣ ҳамеша дар ҷойгоҳи баланд қарор дорад.

Муаррифии китоб на танҳо як чорабинии илмӣ, балки ҷашни фарҳанг ва гиромидошти забони модарӣ низ буд.

**Наима АБДУРАСУЛОВА,**
**донишҷӯи ДДФ.**

***Сарвари давлатамон дар чорабинӣ бахшида ба оғози ҳаракати миллии китобхонӣ таъкид намуданд: «Дар кадом хонадон китоб хонанд, дар ҳамон оила дониш ва маънавият ҳукмфармо мегардад. Ҳар ҷомеае, ки бештар омӯзад ва ҷустуҷӯ кунад, ҳамон ҷамъият ҳатман пеш меравад».***

# ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ

Ана барои чӣ дар асоси Барномаи «Ҳаракати умумимиллии китобхонӣ» дар хиёбони «Устодон»-и ноҳияи Иштихони вилояти Самарқанд зери шиори «Ӯзбекистони Нав – ҷомеаи маърифатпарвар» анҷумани фарҳангии вилоятии китобхонӣ ба вуқӯъ пайваст. Дар тадбир аз шаҳру ноҳияҳои вилоят садҳо нафар дӯстдорони адабиёти бадеӣ ширкат варзиданд.

– Мақсади асосии анҷумани фарҳангӣ, – иброз дошт роҳбари Маркази ахбор- китобхонаи ба номи Пушкини вилоят Наргиза Саидмуродова, – тарғибу ташвиқоти китобхонӣ, баланд бардоштани маънавияту маърифати мардум, хосатан насли наврас аст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# ДОНИШГОҲИ НИЗОМӢ БА КЛАСТЕРИ ИННОВАТСИОНИИ АВРУПО ПАЙВАСТ

***Дар давраи трансформатсияи рақамӣ ва ҷаҳонишавии кунунӣ, мавқеъ ва рақобатпазирии муассисаҳои таълими олӣ дар арсаи байналмилалӣ бештар ба ҳамкориҳои онҳо бо шабакаҳои бонуфузи илмӣ ва таълимӣ вобаста мебошад. Дар ин самт Донишгоҳи миллии омӯзгории Ӯзбекистон ба номи Низомӣ боз ба як натиҷаи муҳим ноил гардид – дар Осиёи Марказӣ аввалин муассисаи таҳсилоти олие шуд, ки ба кластери байналмилалии инноватсионии «8Foundry Alliance» пайвастааст.***

Бояд гуфт, ки ин воқеа на танҳо дастоварди донишгоҳ, балки қадами муҳими низоми таълими олии кишвар дар раванди ҳамгироии байналмилалӣ мебошад. Дар робита ба ин, дар донишгоҳ бо намояндагони роҳбарияти кластери байналмилалии «8Foundry Alliance»-и Лаҳистон – раиси кластер Рафаэл Магриш ва мутахассиси ҳамкориҳои байналмилалӣ Пётр Мержвинский мулоқот баргузор гардид.

Зимни суҳбат муовини вазири таълими томактабӣ ва мактабии ҷумҳурӣ, ректори донишгоҳ Ҳилола Умарова дар бораи аҳамияти ҳамкориҳо ҳарф зад.

– Алҳол барои донишгоҳи мо густариши равобити байналмилалӣ аз вазифаҳои муҳими стратегӣ ба ҳисоб меравад, – гуфт Ҳ.Умарова. – Бахусус, таҳкими ҳамкорӣ бо донишгоҳ ва марказҳои илмии давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, иштирок дар грант ва барномаҳои байналмилалӣ, татбиқсозии лоиҳаҳои муштараки илмиву тадқиқотӣ ва таълимӣ самтҳои афзалиятноки фаъолияти мо мебошад. Бовар дорам, ки шабакаи «8Foundry Alliance» барои амалӣ намудани ин ҳадафҳо имкониятҳои бештар фароҳам меорад ва мулоқоти имрӯза барои муайян намудани нақшаҳои муштарак мусоидат менамояд.

Дар воҳӯрӣ масъалаҳои муҳими татбиқсозии лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи таълим ва илм, иштирок дар грантҳои байналмилалӣ, маблағгузории коркардҳои инноватсионӣ, густариши барномаҳои табодули академӣ ва интиқоли технология муҳокима шуданд.

Таъкид гардид, ки намояндагони кластер фаъолияти донишгоҳ, сифати таълим ва иқтидори илмии онро меомӯзанд. Дар оянда сафари омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ ба Лаҳистон ташкил гардида, шиносоӣ бо таҷрибаи пешрафта ва такмили ихтисос роҳандозӣ мешавад.

– Мо стратегияи рушди байналмилалӣ ва муносибати инноватсионии донишгоҳро хеле баланд арзёбӣ мекунем, – гуфт Рафаэл Магриш. – Пайвастани донишгоҳ ба кластери мо дар роҳи таҳкими ҳамкорӣ бо Осиёи Марказӣ қадами муҳим мебошад. Мо ният дорем якҷо ташаббусҳои навро амалӣ намоем.

Ёдовар мекунем, ки «8Foundry Alliance» платформаи бузурги байналмилалии инноватсионӣ буда, донишгоҳҳо, марказҳои илмиву тадқиқотӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва субъектҳои соҳибкориро аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Осиё ва дигар минтақаҳо муттаҳид мекунад. Ҳадафи асосии он рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои таълим, илму фан, инноватсия ва интиқоли технология мебошад.

**Мансур ҲАСАНОВ,**
**корманди масъули шуъбаи ахбор ва медиахидмати донишгоҳ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
**Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.**

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-628.
Адади нашр 2058. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.